Қарори
Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
№29

аз 29 декабри соли 2025 шаҳри Душанбе

# Дар бораи баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ зимни баррасии парвандаҳо оид ба бартараф кардани монеа ба миён меоянд

Бо мақсади таъмини татбиқи дурусти қонунгузорӣ ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо оид ба бартараф намудани монеа вобаста ба ҳуқуқи истифодаи молу мулк ва дигар ҳуқуқҳои маданӣ, бо дастрасии моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

қарор кард:

1. Мутобиқи муқаррароти моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Конститутсия) ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд.

Маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад.

Тибқи муқаррароти моддаи 32 Конститутсия ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад.

2. Диққати суд, судяҳо ба он нигаронида шавад, ки ҳуқуқи моликият ин ҳуқуқи бо қонунгузорӣ эътирофгардида ва ҳифзшавандаи субъект ҷиҳати ба салоҳдиди худ соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани ашёе мебошад, ки ба он мансубанд.

Бояд дар назар дошт, ки Конститутсия ва қонунгузории маданӣ маҳдуд кардани ҳуқуқи соҳибиро ба истиснои ҳолатҳои дар қонун пешбинишуда, аз ҷумла ба эҳтиёҷоти ҷамъиятию давлатӣ гирифтани моликият, замин, мусодира ва ғайра манъ кардааст.

Ба суд, судяҳо тавзеҳ дода шавад, ки қонунгузорӣ ҳимояи ҳуқуқҳои соҳибмулкро бо роҳи талаб карда гирифтани ашё аз соҳибии ғайриқонунӣ, инчунин бартараф намудани вайронкуниҳои ҳуқуқи ашё, ки ба маҳрум кардан

аз соҳибӣ алоқаманд намебошанд, ҳамчун тарзҳои ҳимояи ҳуқуқи маданӣ пешбинӣ намудааст.

3. Мувофиқи моддаи 4 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КММ) ҳар шахси манфиатдор тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии судии маданӣ барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии вайронгардида ё мавриди баҳс қарордоштаи худ ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ дорад.

Шахсе, ки ҳуқуқи ӯ ба соҳибӣ ва истифодабарии моликияташ аз ҷониби шахси дигар маҳдуд карда шудааст, ҳуқуқ дорад ба суд ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқҳои худ муроҷиат намояд.

Судҳо баҳсҳои зеринро вобаста ба бартараф намудани монеа бо риояи қоидаҳои тобеияти судӣ баррасӣ менамоянд:

- вобаста ба истифодабарии молу мулк, аз ҷумла молу мулки ғайриманқул;

- оид ба истифодаи манзили истиқоматӣ (қисми он, ҳуҷра ё иншооти ёрирасон), аз ҷумла дар сурати ҷой доштани ҳуқуқ ба моликияти ҳиссагӣ;

- монеагии эҷоднамудаи соҳиб нисбат ба аъзои оилаи ӯ барои истифодаи манзили истиқоматӣ (қисми он, ҳуҷра ё иншооти ёрирасон);

- вобаста ба истифодабарии қитъаи замин;

- оид ба бартараф намудани монеа бо роҳи уҳдадор кардани ҷавобгар барои анҷом додани амали муайян. Чунончи, бартараф намудани монеа бо роҳи уҳдадор кардани ҷавобгар барои баровардани молу мулк аз манзили истиқоматӣ;

- дигар баҳсҳо дар бораи бартараф намудани монеа.

4. Таваҷҷуҳи судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки баҳсҳо вобаста ба бартараф намудани монеа, ки бо амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ алоқаманданд, тобеияти идоравии судҳои иқтисодӣ мебошанд.

Бинобар ин, судяҳоро зарур аст ҳангоми ҳалли масъалаи қабули аризаи даъвогӣ тобеияти идоравии баҳсро дуруст муайян намоянд.

5. Бояд дар назар дошт, ки баҳсҳо оид ба бартараф намудани монеа вобаста ба ҳуқуқи истифодаи молу мулк ва дигар ҳуқуқҳои маданӣ хусусияти молумулкӣ надоранд. Аз ин рӯ, ҳангоми пешниҳод намудани чунин аризаҳои даъвогӣ боҷи давлатӣ бояд мутобиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» вобаста ба даъвоҳои дорои хусусияти ғайримолумулкӣ пардохт карда шавад.

6. Судяҳоро зарур аст, ки ҳангоми ҳал намудани масъалаи қабули аризаи даъвогӣ риоя гардидани талаботи сархати чоруми қисми 2 моддаи 134 КММ-ро муайян намоянд, зеро дар аризаи даъвогӣ бояд моҳияти вайрон кардани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии даъвогар ё таҳдид ба он аз чӣ иборатанд ва талаботи даъвогар ба таври мушаххас зикр гардад. Аз ҷумла, бояд дар аризаи даъвогӣ зикр гардад, ки монеаи бавуҷудовардаи ҷавобгар дар чӣ зоҳир мегардад ва он бо кадом роҳ бартараф карда шавад. Дар ҳолати риоя нагардидани талаботи мазкур судяҳоро лозим аст, ки масъалаи беҳаракат

монондани аризаи даъвогиро мутобиқи моддаи 139 КММ ҳал намоянд.

Ҳамзамон, судяҳоро зарур аст аз ҷониби даъвогар иҷро гардидани талаботи моддаи 135 КММ-ро оид ба замима намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳолатҳое, ки даъвогар талаботи худро асоснок мекунад, муайян намоянд.

Чунончи, дар мавриди пешниҳоди даъво оид ба бартараф намудани монеа вобаста ба истифодабарии молу мулки ғайриманқул нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи моликият ё истифодабарии он замима мегарданд.

7. Бояд дар назар дошт, ки омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ давраи мустақили мурофиаи маданӣ буда, доир ба ҳар як парванда ҳатмӣ мебошад. Яке аз вазифаҳои омодасозии парванда ин ҳалли масъалаҳо оид ба ҳайати шахсони иштирокчии парванда ва дигар иштирокчиёни мурофиа ба ҳисоб меравад.

Дар робита ба ин судяҳоро зарур аст дар марҳилаи омодасозии парвандаҳо вобаста ба хусусияти ҳар як баҳс доираи шахсони иштирокчии парванда, аз ҷумла шахсонеро, ки муносибати баҳснок ба ҳуқуқ ё ӯҳдадориҳои онҳо таъсир мерасонад, дуруст муайян намоянд.

Чунончи, доир ба баҳсҳо дар хусуси бартараф намудани монеа вобаста ба ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин масъалаи иштироки намояндаи мақомоти ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳо дар соҳаи замин дар мурофиа бо мақсади иҷрои ӯҳдадориҳои ба зиммаашон гузошташуда ё барои ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии дигар шахсон ё манфиати давлат дар асоси моддаи 49 КММ ҷиҳати додани хулоса ҳал карда шавад.

8. Мутобиқи муқаррароти моддаи 277 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМ) молик ва ё шахсе, ки дорои ҳуқуқи маҳдуди ашё мебошад, ҳуқуқ дорад бартараф намудани ҳама гуна вайронкунии ҳуқуқашро, ки ба маҳрум кардан аз соҳибӣ алоқаманд намебошад, талаб намояд (даъвои негаторӣ).

Ба суд, судяҳо тавзеҳ дода шавад, ки бартараф намудани монеа яке аз тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ буда, ҳамчун кафолати амалисозии ҳуқуқи истифодаи молу мулк, манзил, замин ва дигар ҳуқуқҳои маданӣ ба ҳисоб меравад. Монеа дар истифодабарии молу мулк мазмуни маҳдуд ё ғайриимкон намудани имконияти воқеии амалӣ кардани ҳуқуқи шахсро ҷиҳати истифодабарии молу мулк ва дигар ҳуқуқҳои маданӣ дорад.

Чунончи, маҳдуд ё маҳрум намудани ҳуқуқи қонунии шахс барои истифодабарии манзил ё дигар молу мулк, роҳ, об, қитъаи замин ва дигар ҳуқуқҳо.

9. Бояд дар назар дошт, ки дар баробари молик, иштирокдорони моликияти умумӣ, инчунин шахсони дорои ҳуқуқи маҳдуди ашё, яъне шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ашёро дар асоси ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ, идораи оперативӣ, сервитути ашёи ғайриманқул истифода мебаранд, иҷорагирон ё истифодабарандагони манзили истиқоматӣ, қитъаи замин ва дигар объектҳои ҳуқуқи маҳдуди ашё метавонанд ба суд муроҷиат намоянд.

Чунин баҳсҳо бо тартиби мурофиаи даъвогӣ баррасӣ карда мешаванд.

10. Диққати судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки мутобиқи моддаи 10[1] Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон сервитут ҳуқуқи маҳдуди истифодабарии қитъаи замин буда, метавонад бо розигии тарафҳо ё дар мавриди зарурат дар асоси қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо муқаррар карда шавад.

Дар ҳолате, ки тарафҳо ба мувофиқа наоянд ва бидуни муқаррар кардани ҳуқуқи маҳдуди истифодаи замини шахси бегона қонеъ намудани талаботи дахлдор ғайриимкон бошад, сервитути оммавӣ аз ҷониби суд муқаррар карда мешавад. Аз ҷумла, агар шахс имконияти истифодаи қитъаи заминро бе муқаррар намудани сервитути оммавӣ дар намуди кушодани роҳ тавассути қитъаи замини бегона надошта бошад.

11. Зимни баррасӣ ва ҳалли баҳсҳо оид ба бартараф намудани монеа, ки дар натиҷаи сохтани бино ё дигар иншоот аз ҷониби ҷавобгар ба вуҷуд оварда шудааст, суд бояд риоя гардидани қоидаҳои меъморӣ ва шаҳрсозиро ҳангоми сохтмони иншооти дахлдор муайян намояд.

Риоя накардани қоидаҳои мазкур метавонад асос барои қонеъ намудани даъво гардад, агар ин амал ҳуқуқи моликият ё ҳуқуқи истифодаи қонунии даъвогарро вайрон карда бошад.

12. Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки аъзои оилаи молик ҳуқуқ доранд дар баробари молик манзили истиқоматӣ ва иншооти ёрирасонро истифода баранд. Дар сурати монеъ шудани молик ба истифодабарии манзили истиқоматӣ ва иншооти ёрирасон, баҳс бо тартиби судӣ баррасӣ карда мешавад.

Санади судӣ дар бораи маскун намудан ба манзили истиқоматӣ дар сурате иҷрошуда ҳисоб карда мешавад, ки агар ба ситонанда имконияти ҳамарӯза истифодабарии бемамониати бинои дахлдор таъмин шуда бошад. Ҳуҷҷате, ки иҷрои ҳалномаи судро тасдиқ менамояд, санади иҷрочии мақомоти иҷро ба ҳисоб меравад.

Агар барои истиқомат намудани аъзои оилаи молик, ки дар асоси санади судӣ маскун карда шудааст, шахси дигаре, ки аз рӯи парванда ҷавобгар намебошад, монеа эҷод намояд, масъалаи бартараф намудани монеа бо тартиби мурофиаи даъвогӣ ҳал карда мешавад.

13. Диққати суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки мувофиқи моддаҳои 46 ва 47 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КЗ) ҳифзи ҳуқуқ ба истифодабарии қитъаи замин бо қонунгузории маданӣ, замин ва қонунҳои дигар амалӣ карда мешавад.

Баҳсҳо, ки аз муносибатҳои вобаста ба замин бармеоянд, аз ҷониби суд бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд.

Монеа барои амалӣ намудани ҳуқуқ ба истифодабарии қитъаи замин метавонад дар маҳдуд ё маҳрум кардан аз истифодабарии мақсадноки он, аз ҷумла бо роҳи сохтани девор ё пойдевор, панҷара, симтӯр ё дигар иншооти ба ин монанд, худсарона пурра ё қисман ишғол намудани қитъаи замин ё дар он киштукор намудан, маҳдуд ё маҳрум кардан аз дастрасии бемамониат ба об,

роҳ ё дигар иншооти ёрирасон, ки барои истифодабарии қитъаи замин пешбинӣ гардидаанд, дигар амалҳое, ки ба харобшавӣ ё вайроншавии замин, паст гардидани ҳосилнокии он ва дигар оқибатҳои номусоид боис мегарданд, ифода гардад.

14. Суд, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки қонунгузории соҳаи замин барқарор намудани ҳуқуқи вайроншудаи заминистифодабарандаро дар мавридҳои зерин пешбинӣ кардааст:

а) аз тарафи мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин беэътибор дониста шудани санаде, ки ба қонунгузорӣ мутобиқ нест ва ҳуқуқ ба замин ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи заминистифодабарандагонро вайрон мекунад;

б) худсарона ишғол намудани қитъаи замин;

в) дар мавридҳои дигаре, ки бо қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд.

15. Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ба шаҳрвандон бо қарори раисони ноҳияҳо, шаҳрҳо, вилоятҳо ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ваколаташон, ки КЗ муқаррар намудааст, ҷудо карда мешаванд.

Қарори раисони Ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот, ки дар доираи салоҳияташон то ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замин (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июни соли 2008, таҳти №405) қабул гардидаанд, ҳамчун асос барои пайдо кардани ҳуқуқ ба истифодабарии қитъаи замин ба инобат гирифта мешаванд.

16. Бояд дар назар дошт, ки ҳуқуқи истифодаи замин бо ҳуҷҷатҳои зерин тасдиқ карда мешавад:

а) ҳуқуқи бемуҳлат ва муҳлатноки истифодаи замин ва ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии қитъаи замин - бо сертификати ҳуқуқи истифодаи замин ё шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ;

б) ҳуқуқи иҷораи қитъаи замин - бо шартномаи иҷора;

в) созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки бо риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» баста шудаанд;

г) шаҳодатномаи саҳми замин;

д) дигар ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи санадҳои қонунгузорӣ.

Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки пайдоиш, гузаштан ва қатъи ҳуқуқ, инчунин ҳуқуқҳо ва маҳдудиятҳои дар қисми 2 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» пешбинигардида нисбат ба қитъаҳои замин ва дигар молу мулки ғайриманқул бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд.

Маълумоте, ки дар ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодаи замин сабт гардидаанд, бояд ба маълумоти дар феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он қайдшуда мутобиқ бошанд.

17. Суд, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ё шахсони мансабдор рад намудан ё баррасӣ нагардидани аризаи шахс оид ба

ҳуҷҷатгузорӣ намудани молу мулки ғайриманқул ё барасмиятдарории ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин асос барои пешниҳод намудани даъво дар хусуси бартараф намудани монеа намегардад. Ин масъала бояд бо тартиби дар боби 24 КММ пешбинишуда (дар бораи мавриди баҳс қарор додани амал (беамалии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ) баррасӣ гардад.

Зимнан ҳангоми қонеъ намудани чунин ариза судҳо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахси мансабдор ва хизматчии давлатиро барои пурра аз байн бурдани вайронкунии ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд ё монеаҳо ҷиҳати аз ҷониби ӯ татбиқ намудани ҳуқуқу озодиҳояш уҳдадор менамоянд. Дар чунин ҳолат судҳо набояд дар ҳалнома мақомоти салоҳиятдорро барои ҷудо ё вобаста намудани қитъаи замин бо зикр намудани масоҳати он уҳдадор намоянд.

18. Даъво оид ба бартараф кардани вайронкунии ҳуқуқ, ки бо маҳрум намудан аз соҳибӣ алоқаманд нест, дар ҳолате қонеъ карда мешавад, агар даъвогар исбот намояд, ки ӯ соҳибмулк аст ё ашёро дар асоси қонун ё шартнома истифода мебарад ва амалҳои ҷавобгар ҳуқуқи моликият ё ҳуқуқи қонунии ӯро барои истифодаи ашё вайрон мекунанд (қисми 3 моддаи 272, моддаи 277 КМ).

Ин гуна даъво ҳамчунин дар ҳолате қонеъ карда мешавад, агар даъвогар исбот намояд, ки таҳдиди воқеии вайронкунии ҳуқуқи моликият ё соҳибии қонунии ӯ аз ҷониби ҷавобгар мавҷуд аст.

Барои қонеъ намудани даъво оид ба бартараф кардани монеа, ки бо маҳрум кардан аз соҳибӣ алоқаманд намебошад, муҳим нест, ки амал ё беамалии ҷавобгар, ки боиси вайрон гардидани ҳуқуқи даъвогар гаштааст, дар қитъаи замин ва ё бино, иншоот ва дигар молу мулки ғайриманқули даъвогар ё шахси дигар ё дар дигар объекти ғайриманқул содир шудааст.

19. Ҷиҳати тавзеҳи масъалаҳои ҳангоми баррасии парванда бамиёномада, ки донишҳои махсусро дар соҳаи илм, санъат, техника ё касбҳои мухталиф тақозо мекунад, суд бо ташаббуси худ ё тибқи дархости тарафҳо ё дигар шахсони иштирокчии парванда экспертиза ва барои гузаронидани он коршиноси судиро таъин намуда, дар ин бора таъинот қабул мекунад (моддаи 82 КММ).

Бинобар ин, ба суд, судяҳо зарур аст, ки зимни баррасии парвандаҳо оид ба бартараф намудани монеа ҷиҳати муайян кардани ҷой доштани маҳдудкунии ҳуқуқи соҳиб ва шахси дигаре, ки бо асоси қонунӣ ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ё моликиятро дорад, масъалаи таъин намудан ва гузаронидани экспертизаи судии дахлдорро ҳал намоянд.

Зимнан ба инобат гирифтан лозим аст, ки хулосаи экспертиза ва коршиноси судӣ бояд ба талаботи моддаи 88 КММ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» ҷавобгӯ бошад ва тафсилоти муфассали таҳқиқоти гузаронидашуда, ки дар натиҷаи хулосаҳо ва ҷавобҳо ба саволҳои пешниҳодкардаи суд ба даст омадаанд, дар бар гирад. Агар коршиноси судӣ ҳангоми гузаронидани экспертиза ҳолатҳоеро муқаррар

кунад, ки барои парванда аҳамият доранд ва оид ба онҳо дар назди ӯ масъала гузошта нашудааст, ҳуқуқ дорад натиҷаҳои ин ҳолатҳоро дар хулосаи худ дарҷ намояд.

Дар баробари ин, суд, судя ҳуқуқ дорад бо мақсади дуруст муайян намудани ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта бо риояи меъёрҳои КММ азназаргузаронӣ ва таҳқиқи далелҳоро дар маҳалли ҷойгиршавии қитъаи замин ва ё дигар молу мулки ғайриманқул гузаронад. Ҳангоми зарурат ҷиҳати иштирок дар азназаргузаронӣ ва таҳқиқи далелҳо метавонанд коршиносони судӣ, мутахассисон ва шоҳидон даъват карда шаванд. Доир ба ин амали мурофиавӣ дар протоколи маҷлиси судӣ қайд карда мешавад.

20. Агар даъво оид ба бартараф кардани вайронкунии ҳуқуқ, ки бо маҳрум кардан аз соҳибӣ алоқаманд нест, ба анҷом додани амалҳои муайян аз ҷониби ҷавобгар вобаста бошад, ҳангоми қонеъ намудани он суд ба ҷавобгар анҷом додани амалҳои муайянро манъ менамояд ва ё ӯро барои бартараф кардани оқибатҳои вайронкунии ҳуқуқи даъвогар уҳдадор менамояд.

21. Танҳо мавҷуд набудани норозигии соҳибмулки пешина нисбат ба вайронкунии ҳуқуқи моликият, ки бо маҳрум кардан аз соҳибӣ алоқаманд нест, асос барои рад намудани даъвои соҳибмулки нав оид ба бартараф кардани чунин вайронкуниҳо шуда наметавонад.

22. Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мувофиқи сархати 4 моддаи 224 КМ нисбат ба талаботи молик ё дигар соҳиб оид ба рафъи ҳамагуна вайронкунии ҳуқуқи он, ҳарчанд ин вайронкуниҳо бо маҳрум кардан аз соҳибӣ алоқаманд намебошанд, мухлати даъво татбиқ намегардад.

Аз ин рӯ, давомнокии вайронкунии ҳуқуқ барои аз ҷониби суд рад намудани даъво асос шуда наметавонад.

23. Диққати суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки ҳалнома дар доираи талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар қабул карда мешавад (қисми 3 моддаи 198 КММ).

Суд, судяҳоро зарур аст, ки ҳангоми қонеъ кардани даъво дар бораи бартараф намудани монеа дар қисми хулосавии ҳалнома тартиб ва роҳҳои бартараф кардани монеаро ба таври возеҳ ва равшан зикр намоянд.

24. Ҳангоми ҳалли масъалаи қабули аз даъво даст кашидани даъвогар, даъворо эътироф намудани ҷавобгар ва тасдиқ кардани созиши оштии тарафҳо судҳоро зарур аст қоидаҳои дар қисми 2 моддаи 43, моддаҳои 176 ва 177 КММ пешбинишударо бемайлон риоя намоянд.

Чунончи, ба тасдиқ намудани созиши оштӣ, ки иҷрои шартҳои он аз иродаи тарафҳо вобаста нест, ба салоҳияти дигар шахсон ё мақомот мансуб мебошад ва ё таъмини иҷрои маҷбурии шартҳои созиш ғайриимкон аст, роҳ дода намешавад.

Ҳамчунин, аз даъво даст кашидани даъвогар ё даъворо эътироф намудани ҷавобгар бояд аз ҷониби суд қабул карда нашавад, агар ҳуқуқу манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи дигар шахсон (ноболиғон, иштирокдорони моликияти ҳиссагӣ ё якҷоя ва ғайра) халалдор гарданд ва ё даст кашидан аз даъво бо шарти фаро расидани ҳодиса ё ҳолати дигар сурат гирифта бошад.

25. Суд, судяҳоро зарур аст оид ба вайронкунии қонунгузорӣ, ки зимни баррасии парвандаҳо вобаста ба бартараф намудани монеа муайян гардидааст, таъиноти хусусӣ қабул намоянд. Дар сурати ошкор намудани ҳолатҳое, ки аз ҷой доштани аломатҳои таркиби ҷиноят ё дигар қонунвайронкунӣ шаҳодат медиҳанд, суд маводи дахлдорро барои ҳалли масъалаи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ё ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбат ба шахсони қонунвайронкунанда ба мақомоти прокуратура ирсол менамояд.

26. Ба судҳо тавсия дода шавад, ки мунтазам амалияи судиро оид ба баррасии парвандаҳои зикршуда таҳлил ва ҷамъбаст намуда, ҷиҳати бартараф кардани камбудиҳои ошкоргардида чораҳои бо қонун пешбинишударо амалӣ намоянд.

| | |
|---|---|
| Раиси Суди Олии<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мирзозода Р.П. |
| Котиби Пленум,<br>судяи Суди Олии<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон | Холиқмуродзода Д.А. |